# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои наклиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст**

Имруз рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва баланд бардории самаранокии ташкил ва идоракунии корхона ҷиҳати таъмини болоравии ҳосилнокии меҳнат, истифодаи системаи самараноки музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони, ҳамчунин корхонаҳои наклиёти автомобилӣ ҷойи муносибро ишғол мекунад. Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти такмили механизми мотиватсионӣ дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиб, зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои такмили ин низомро дар шароити муосир тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионии Ҳусензода А.Р. бебаҳс буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Аз арзёбии автореферат бармеояд, ки дар он ба тариқи пурра ҷанбаҳои назариявии моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, инчунин, асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ, баҳисобгирии ҷузъҳои муҳимтарини татбиқи меҳнат ва арзёбии мураккабии он дар корхонаҳои амалкунанда омухта шудааст.

Ба баррасии таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ, имкониятҳои истифодаи захираҳои молиявие, ки аз тафриқаи музди меҳнат ба вуҷуд меоянд, ба инобат гирифта шуда, дар раванди бозбинии ин механизм дар Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Диққати асосӣ дар диссертатсия ба таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ дода шуда, масоил ва монеаҳо муайян карда шуда роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёт дида баромада шудааст.

Бо назардошти ба назар гирифтани муқарраротҳои консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар онҳо сурат гирифтааст.

Дар рисола самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он бо истифодаи аз низоми грейдҳо пешниҳод шуда, сатҳу самараи фаъолияти кормандон дар

натиҷаи истифодаи ин низом ба даст овардан имконпазир аст пешниҳод гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия роҳҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дар кори тақризшаванда новобаста ба дастовардҳои назарраси методӣ, назариявӣ ва амалӣ, ҳамзамон, баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат омилҳое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва механизми мотиватсионии коргарон таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқи пурра қарор дода нашудааст.

2. Ҳангоми баҳодиҳӣ бартарияти истифодаи низомҳои муосири такмили музди меҳнат ва ҳавасмандгардони кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ пешниҳод нагардидааст.

Дар маҷму эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии рисоларо коста намегардонанд ва хислати тавсиявӣ доранд. Аз арзёбии диссертатсия бар меяд, ки самти таҳқиқот ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12 – "Иқтисодиёти меҳнат" мувофиқат мекунад.

Автореферат ва интишорти муаллиф таркиби диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Бо назардошти ин диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – "Иқтисодиёти меҳнат" ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

Тақриздиҳанда,
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Хамидова С.Х.**

**Имзои д.и.и., дотсент Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ " Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров"** **Сайдуллозода З.С.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, тел. (83422) 6 52 73; Факс: (83422) 6 75 18; тел: (+992) 92 701 97 55, e-mail.ru: istambonu@mail.ru